**Протоколи № 04**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «23» январи соли 2025 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд, 16 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМА:**

1. Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи: **«Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ»,** барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа Ph.D – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060600 - “Химия” (6D060603 - Химияи органикӣ), барои ташхиси пешакӣ ва таъин намудани комиссияи ташхис.

**ШУНИДА ШУД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои химия Н.С. Бекназарова баромад намуда, қайд намуданд, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намудаи Шарипов Ф.Н., аз ҷумла диссертатсия ва автореферати он, санҷиши дараҷаи асолати матни автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (26.06.23, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, довталаб дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣро мувофиқи талабот пешниҳод намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарори**
шурои диссертатсионии 6D. КОА-010-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «23» январи соли 2025 № 04 ш. Душанбе

Оид ба диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи: «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060600- “Химия”( 6D060603 - Химияи органикӣ), барои ташхис қабул карда шавад.

1. Диссертатсияи Шарипов Фирдавс Нуралиевич дар мавзуи: «**Модификатсияи ҳосилаҳои нитрогендори глитсерол, диглитсерол ва имконияти истифодабарии онҳо дар синтези органикӣ**», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060600- “Химия”( 6D060603 - Химияи органикӣ), барои ташхис қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

Бандаев Сироҷиддин Гадоевич - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи ташхис;

Пулатов Элмурод Холикулович - доктори илмҳои химия, профессор, аъзои шуро, аъзои комиссияи ташхис;

Турдиалиев Муродҷон Зокирович - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи биохимияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», аъзои комиссияи ташхис.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои химия, профессор Раҳимова М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.

Имзоҳои доктори илмҳои химия, профессор М. Раҳимова ва номзади илмҳои химия Н.С. Бекназароваро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.Ш.